# ХУЛОСАИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D. КОА-028-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

**дар бораи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик**

Парвандаи аттестатсионии №______

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 17 сентябри соли 2020**

Дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Фаттона Бадахш додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик.

Диссертатсияи Фаттона Бадахш "Ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ дар осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ (таҳқиқи қиёсӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01.-Адабиёти тоҷик аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121) барои ҳимоя пазируфта шудааст.

Диссертант Фаттона Бадахш, соли таваллудаш 1988, шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, миллаташ афғон.

Соли 2006 ба факултети форсӣ-дарии Донишгоҳи Балх дохил шуда, онро соли 2010 хатм намудааст. Аз соли 2013 то соли 2015 дар шуъбаи магистратураи Донишгоҳи Балх таҳсил кардааст. Солҳои 2016 ба аспирантураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, онро соли 2019 бомуваффаққият хатм кардааст.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ: Худойдодов Аъзам -** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

**Раҳмонов Шоҳзамон-** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ.

**Ваҳҳобзода Рустам Илёс-** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

**Дар тақризи муассисаи пешбар -** Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода омадааст, ки воқеан, Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ

бо ҷустуҷӯҳои босамари эҷодиашон дар инкишофи адабиёти тоҷик ва адабиёти даризабони Афғонистон саҳми бузург доранд. Ин ду суханвари соҳибмактаб ва тавоно қаробатҳои зиёди эҷодӣ ва ҳунарӣ доранд, ки онҳо ҷолиби таваҷҷуҳанд. Аммо иртибот ва қаробатҳои эҷодии ин ду адиби бузург то ҳанӯз мавриди баҳсу баррасии адабиётшиносӣ қарор нагирифтааст. Ҳол он ки чеҳраи адабии ин ду суханвари тавоно ифодагари як марҳилаи муҳимми рушди адабиёти тоҷикӣ ва дарӣ мебошад.

Дар ин замина таълиф гардидани диссертатсияи Фаттона Бадахш дар мавзӯи "Ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ дар осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ (таҳқиқи қиёсӣ)" гоми шоиста ва андешаи тоза дар адабиётшиносии тоҷик мебошад. Мубрамии мавзӯи диссертатсия дар он ифода меёбад, ки қиёсан таҳқиқ намудани ашъори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ аз лиҳози ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ, бавижа анвои шеърӣ, хусусиятҳои ҳунарӣ шабоҳатҳои мавзӯӣ ва мундариҷавии ашъор, хусусиятҳои адабию сабкӣ падидаи тоза дар илми адабиётшиносии Тоҷикистон ва Афғонистон мебошад.

Дар баробари комёбиҳои илмӣ дар диссертатсия баъзе нуктаҳои баҳснок ва ислоҳталаб ба мушоҳида мерасанд, ки онҳоро баён мекунем:

1.Нигоҳи интиқодии муаллифи рисола ба масъалаҳои мавриди таҳқиқ камрангтар ба назар мерасад.

2.Хулосаи илмии баъзе фаслу бобҳо гоҳо номукаммал ба назар мерасанд, ки дар мавриди комилгардии онҳо ҷанбаи таҳлилӣ ва муқоисавиро бояд пурқувват кард.

3.Дар саҳифаҳои гуногуни рисола ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати рисолаи илмиро беҳтар хоҳанд кард.

4.Дар баъзе фаслҳо забони илмии муҳаққиқ ба забони адабӣ наздиктар шудааст. Вале нуктаҳои номбаршуда ҷузъӣ буда, ба осонӣ ислоҳ мешаванд.

Метавон хулоса кард, ки рисолаи Фаттона Бадахш дар мавзӯи "Ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ дар осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ (таҳқиқи қиёсӣ)" ба меъёрҳо ва талаботи корҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01.- Адабиёти тоҷик сазовор аст.

Асару мақолаҳои чопшуда:

1.Фаттона Бадахш. Ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ дар осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ (таҳқиқи қиёсӣ).-Душанбе: Мулквар, 2020.-216 саҳ.

2.Фаттона Бадахш. Андешаҳо оид ба зиндагӣ ва осори Восифи Бохтарӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ (бахши илмҳои ҷомеашиносӣ, гуманитарӣ ва филология).-Душанбе, 2017, № 4.-С.136-141.

3.Фаттона Бадахш.Символизм дар ашъори Восифи Бохтарӣ ва Муъмин Қаноат // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ (бахши илмҳои ҷомеашиносӣ, гуманитарӣ ва филология).-Душанбе, 2019, № 3(80).-С.140-149.

4.Фаттона Бадахш. Баррасии ҷанбаҳои таърихӣ дар ашъори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ (бахши илмҳои ҷомеъашиносӣ, гуманитарӣ ва филология).-Душанбе, 2019, № 3.-с.202-210.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

**Хоҷамуродов Олимҷон Ҳамроевич-**доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

Тақриз мусбат буда, таъкид шудааст, ки мавзӯи интихобкардаи унвонҷӯ ба ҳайси рисолаи номзадӣ гоми нахустинест дар пур кардани ин хало. Дар баробари дастовардҳо дар фишурда баъзе норасоиҳо ба чашм мерасад:

1.Ду мақола ва намунаи ашъори Восифи Бохтарӣ, ки солҳои ҳаштоди қарни XX дар нашрияҳои даврӣ ва "Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик" ба чоп расидааст, зикр нашудааст.

2.Ҳамчунин боби якуми рисола, ки унвони рисоларо дорад, ҷанбаи тавсифиаш аз таҳлилӣ бештар аст.

**Беҳрӯзи Забеҳулло -** номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи тавсиф ва таҳияи феҳристи дастхатҳои Маркази мероси хаттии АМИТ.

Тақриз мусбат буда, дар он таъкид мешавад, ки унвонҷӯ дар мисоли ду шоири номвари нимаи дуюми асри XX дар Тоҷикистон ва Афғонистон ҷанбаҳои муштарак ва фарқиятҳои мавҷуд дар осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтариро ошкор намуда, ба хулосаҳои ҷолибе даст ёфтааст. Таъкид мешавад, ки ҳар ду шоир аз пешгомони ҷараёни навгароӣ дар шеъри муосири Тоҷикистону Афғонистон буда, бо суннатшикани дар сохтор, нановарӣ дар қолабу маънӣ, ривоятгарӣ, тасвиргароӣ ва тақвияте, ки гароиши фалсафӣ дар шеър, таҳаввули тозае дар адабиёти муосир эҷод карданд. Бо вуҷуди ин, дар рисола баъзе камбудиҳое ба назар расид, ки онҳоро бояд ислоҳ кард:

1.Дар қисмати аҳамияти мавзӯъ зикр шудааст, ки робитаҳои сиёсию фарҳангии кишварҳои ҳамзабон, ба хусус Тоҷикистону Афғонистон дар асри XX1 гусаста шуданд, ки робитаҳои адабию фарҳангии тоҷикони ду сӯйи рӯди Ому то ибтидои асри XX барқарор буда, осори эҷодшуда дар ин минтақа барои адибон қобили дастрас будааст.

2.Дар матни автореферат бархе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ дар саҳифаҳои 4, 8, 9, 13, 14, 16 роҳ ёфтааст, ки ниёз ба ислоҳ дорад.

3.Дар автореферат феҳристи осори истифодашуда вуҷуд надорад.

**Низомӣ Мухриддин-**доктори илмҳои филологӣ, ректори Муассисаи давлатии таълимии "ДДФСТ ба номи М.Турсунзода".

Тақриз мусбат буда, муқарриз қайд мекунад, ки дар бобу фаслҳои ҷудогонаи диссертатсия муҳаққиқ таваҷҷуҳи аҳли назарро ба бархе аз вижагиҳои навъи ашъори таърихӣ ва иҷтимоии М. Қаноат ва В.Бохтарӣ ҷалб менамояд. Суннатгароӣ ва навпардозии шоирони мазкур дар бахшҳои асосии диссертатсия бо мисолҳои равшан ва фаслҳои қонеъкунанда собит карда

мешавад.

Муқарриз дар баробари дастовардҳои илмии муҳаққиқ камбудиҳои зеринро низ дар тақриз зикр менамояд:

1.Ҳангоми баррасии ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоии ашъори М. Қаноат ва В.Бохтарӣ ба муҳити камолоти ҳар ду шоир камтар таваҷҷӯҳ зоҳир шудааст.

2.Дар фасли дуюми боби дуюм омилҳои адабию иҷтимоӣ ва ҳунарии ба ғазал камтар таваҷҷӯҳ кардани М. Қаноат ба пуррагӣ нишон дода нашудааст.

**Нуралӣ Нуров-**номзади илмҳои филологӣ, муовини директори Институти илмӣ- тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров".

Тақриз мусбат буда, дар он таъкид мешавад, ки дар диссертатсия бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик бар асоси муқаррар намудани ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва таърихӣ, таҳлили қиёсии мазмуну муҳтаво, анвои шеърӣ ва воситаҳои ҳунарии ду суханвари мумтози ду кишвар –М. Қаноат аз Тоҷикистон ва В.Бохтарӣ аз Афғонистон сурат гирифтааст. Гуфтан мумкин аст, ки пажӯҳиши мазкур падидаи тозае дар омӯзиши қиёсии адабиёти кишварҳои ҳамзабон маҳсуб меёбад. Дар баробари ин, дар рисола баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасад:

1.Диссертант таҳқиқи Р.Ваҳҳобро ба бахши нақди адабӣ дохил мекунад, ки он чандон дуруст нест. Рисолаи ин муҳаққиқ асосан, ба масоили поэтикаи шеъри М. Қаноат бахшида шудааст.

2.Хуб мешуд, ки муҳаққиқ дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзӯъ рисолаи Х.Шариф "Савти Аҷам"-ро, ки хусусияти монографӣ дорад, ба таври алоҳида баррасӣ менамуд.

3.Аз фишурдаи диссертатсия бармеояд, ки на ҳамаи тадқиқотҳои анҷомёфта дар диссертатсия истифода гардиданд. Масалан, рисолаи М.Аҷамӣ "Хиттаи муаттари шеър" аз назари диссертант дур мондааст.

**Маликшоева Шоҳбегим Хайруллоевна-**номзади илмҳои филологӣ, сардори шӯъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Тақриз мусбат буда, дар он таъкид мешавад, ки таҳлили муқоисавии ашъори намояндагони адабиёти муосир дар кишварҳои Тоҷикистону Афғонистон барои ошкор кардани равандҳои ташаккули адабиёти тоҷик дар ҳар ду ҳавза аҳамияти муҳим дорад. Таҳлили қиёсии ашъори М.Қаноат ва В. Бохтарӣ дар адабиётшиносии муосир падидаи тоза буда, барои дарку фаҳми равандҳои рушди адабиёти тоҷик дар кишварҳои ҳамзабон мусоидат хоҳад кард. Чунки ҳам Мӯъмин Қаноат ва ҳам Восифи Бохтарӣ аз шоирони навгарои муосир маҳсуб меёбанд. Бо вуҷуди ин, дар фишурдаи рисола баъзе нуқсон мушоҳида мешавад:

1.Назари таърихӣ ва баъзе хулосабароришҳои унвонҷӯ дар масъалаи ташаккули равандҳои адабӣ дар Тоҷикистону Афғонистон чандон ба воқеият созгор нестанд.

2.Дар баъзе ҷумлаҳо ва ибораҳо нуқсони мантиқӣ дида мешавад.

3.Дар матни автореферат хатоҳои имлоӣ ва техникӣ роҳ ёфтааст.

**Наҷибуллоҳ Қайюм-**номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забон ва адабиёти форсӣ – дарии Донишгоҳи Руйони Афғонистон.

Дар тақриз таъкид мешавад, ки бону Фаттона Бадахш дар таҳқиқи худ аз равишҳои илмии муосир, мисли пажӯҳиши сохторшиносӣ, оморӣ, таҳлилӣ истифода карда, ба натоиҷи наве ноил гардидааст. Аксари муҳокимаронӣ ва баҳсҳои илмии муҳаққиқ перомуни қаробатҳо ва тафовутҳои озодию адабии Мӯъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ мудалал ва боварибахшанд. Тақриз мусбат буда, дар он ягон эроде зикр нагардидааст.

Муқарризони расмӣ дар баробари нишон додани дастовардҳои илмӣ, муҳимтарин мавзӯъ, навгонӣ ва ҷанбаҳои назарию амалии диссертатсия баъзе нуқсони дар таҳқиқ роҳёфтаро ба таври мушаххас нишон додаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асос мегардад, ки онҳо мутахассисони варзидаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар ин самт осору мақолаҳои зиёде таълиф карданд, ки мазмуну моҳияти онҳо ба мавзӯи мавриди баҳси рисола наздиканд. Муассисаи пешбар яке аз марказҳои бонуфузи илмию таълимӣ дар соҳаи филология мебошад, ки бо мутахассисону муҳаққиқони варзида дар самти адабиётшиносӣ маъруф аст.

Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки бори нахуст масъалаҳои бозтоби масоили иҷтимоию таърихӣ дар осори Мӯъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ, қаробати эҷодӣ, вижагиҳои адабию ҳунарӣ ва монандию тафовутҳои мазмунӣ ва шакли ашъори шоирони номбурда ба таҳқиқ омадааст. Аҳамияти дигари таҳқиқи мавзӯи мазкур дар он аст, ки тавассути диссертатсияи мавриди назар барои омӯзиши қиёсии шеъри муосири тоҷикӣ ва дарӣ роҳи васеъ кушода мешавад.

**Муҳиммияти мавзӯи** диссертатсия дар он аст, ки қиёсан, баррасӣ намудани эҷодиёти Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ аз лиҳози ҷанбаҳои мазмунӣ ва шаклӣ барои дарку маърифати пурвусъати шабоҳатҳо ва тафовутҳои адабию эстетикии адабиёти халқҳои ҳамзабон роҳ мекушояд.

**Аҳамияти назарии таҳқиқ** дар он аст, ки таҳқиқи қиёсии ду шоири соҳибмактаб ва таъсиргузории ҳавзаҳои гуногуни адабиёти ҳамзабон, барои равшан кардани қонунмандиҳои рушди шеъри муосири тоҷикӣ ва дарӣ мусоидат менамоянд. Махсусан, равшан намудани масоили марбут ба суннатгароӣ ва навпардозӣ дар эҷодиёти Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ самтҳо ва тамоюлҳои инкишофи шеърро дар ҳарду ҳавзаи адабӣ муайян менамоянд. Бо ин роҳ, мақом ва ҷойгоҳи ин ду шоири тавоно ва таъсиргузор ба равандҳои адабӣ дар таърихи адабиёти халқҳои Афғонистон ва Тоҷикистон мушаххас мегардад.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки ҳам дар адабиётшиносии муосири Тоҷикистон ва ҳам Афғонистон бори нахуст ашъори ду шоири ҳамзабон ба таври қиёсӣ таҳқиқ шудааст. Навгонӣ ва суннатгароии Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ дар заминаи таҳлилҳои

қиёсии шеъру достонҳои адибони номбурда нишон дода мешавад. Ошкор кардани вижагиҳои мазмуни ашъори шоирони номбурда, ки умумият ва тафовутҳои хос доранд, аз ҷумлаи дастовардҳои илмию пажӯҳишии диссертатсия мебошанд.

Аҳамияти илмии таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки хулосаҳо ва натиҷагириҳои он барои омӯзиши минбаъдаи муштаракоти шаклию мазмунии адабиёти халқҳои ҳамзабон мусоидат менамоянд. Илова бар ин, аз натоиҷи пажӯҳиши мазкур метавон ҳангоми таҳияи китобҳои таърихи адабиёти тоҷикӣ ва дарӣ, таърихи инкишофи шеъри муосири форсизабон дар кишварҳои ҳамзабон, таҳия ва тадриси адабиёти муосири тоҷикӣ ва дарӣ, навиштани рисолаҳои илмӣ, китобу дастурҳои таълимӣ ва ғайра истифода намуд.

**Диссертант усулҳои таҳлили қиёсию таърихӣ, оморӣ ва сохториро** босамар истифода намудааст. Дар такя ба таълифоти назарӣ ва бунёдии адабиётшиносони Ғарбу Шарқ, дастовардҳои навини улуми ҷомеашиносӣ проблемаи мавриди назар дар диссертатсия ба таҳқиқ меояд.

**Саҳми фардии муҳаққиқ** дар он зуҳур меёбад, ки баррасии қиёсии осори М. Қаноат ва В.Бохтарӣ мавриди пажӯҳиш гирифтааст. Нишон додану мушаххас намудани шабоҳатҳо ва тафовутҳои адабию ҳунарӣ дар ашъори М. Қаноат ва В.Бохтарӣ ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар Афғонистон иқдоми нахустини илмӣ ва пажӯҳишӣ мебошад.

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ рӯзи 17 сентябри соли 2020 дар бораи ба Фаттона Бадахш додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 17 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, 16 нафар иштирок дошт, ки аз ин 7 нафар аз рӯйи ихтисоси 10.01.01– Адабиёти тоҷик мебошанд, дар ҷаласа иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор»-16 нафар, «зид» - нест, бюлетенҳои беэътибор - нест.

Шӯрои диссертатсионӣ баромади Фаттона Бадахш дар мавзӯи "Ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ дар осори Мӯъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ (таҳқиқи қиёсӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик, тақризи муассисаи пешбар, баромади муқарризони расмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор **Раҳмонов Шоҳзамон**, номзади илмҳои филологӣ, дотсент **Ваҳҳобзода Рустам Илёс** ва тақризҳо ба автофератро шунида, муҳокима карда, дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи диссертант

**қарор қабул мекунад:**

1. Диссертатсияи Фаттона Бадахш дар мавзӯи "Ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ дар осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ (таҳқиқи қиёсӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01

- Адабиёти тоҷик ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми октябри соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Монография ва мақолаҳои илмии ба чоп расондаи унвонҷӯ мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Фаттона Бадахш дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Фаттона Бадахш дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. - Адабиёти тоҷикро диҳад.

**Муовини раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор** **Нозимов А.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои филологӣ, дотсент** **Мирзоалиева А.Ш.**

**17 сентябри соли 2020.**